Чанд рӯзе кабл тавассути хабаргузории сомонаҳои наҳзатӣ аз чониби муаллифи гумном Сиддики Акбар рочеъ ба як чузъиёти сафари давлатии Роҳбари кишварамон ба Чопон маводи мугризона ва бадхохонае интишор дода шуд. Дар ин мавод рӯзноманигор бидуни эътибор ба мукаррароту меъёрхои одоби рӯзноманигорӣ ва хатто бидуни риояи хадди одоби инсонӣ аз камоли баддиливу бадниятӣ иттилоотро оид ба садамаи як мошини корвон (кортеж)-и мошинхои Президенти Точикистон дар шахри Токио куллан тахриф дода онро хушхабар унвон додааст ва дар зимн гуфтааст, ки гӯё мардуми Точикистон бо шунидани хабари ба садамаи фочеабор дучор шудани сарвари худ хушхол шудаанд. Баъдан ин рӯзноманигор, ки бо интишори ин ахбори дурӯгу гайриинсонии худ солимакл будани хешро зери суол бурдааст, бо камоли беадабӣ дар хакки рахбари кишвари мо носазо гуфта талош кардааст, ки накши Пешворо дар чомеаи мо манфӣ арзёбӣ кунад. Аммо ин рӯзноманигори харзагӯ, ки барои тахкиру тавхинаш нисбат ба Пешвою Кахрамони миллат ва Президенти кишвар хатман бояд мучозот шавад, фаромӯш кардааст, ки Пешвои миллӣ будани Эмомалӣ Раҳмон як мансаб ё як унвон нест, балки он як љойгоҳ ва макоми волоест, ки онро мардум ба рахбари кахрамони хеш сазовор донистааст.

Ин хабарнигори бехабар аз хакикати таърихи муосири точикон бояд бидонад, ки махз Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун мубаллиг ва пуштибони сулҳу ваҳдати миллӣ дар он замони бисёр хассос ва мураккаби чанги шахрвандӣ давлатдории миллии тоҷиконро аз вартаи нобудӣ наҷот дод, тамомияти арзии Тоҷикистонро ҳамчун давлати ягона ҳифз кард, аркони асосии сиёсӣ, идорӣ ва қудратии давлатдории миллии моро барқарор намуд, миллати тоҷикро ҳамчун воҳиди ягонаи сиёсию этнофарҳангӣ эҳё ва ҳифз кард, ваҳдати миллиро дар Тоҷикистон бунёд гузошт ва зерсохторҳои зарурии онро барқарор намуд, сохти давлатӣ ва самти сиёсии давлатдории тоҷиконро дар замони муосир мушаххас кард, ба барқарор шудани соҳаҳои асосии хоҷагии халқи мамлакат шароит фароҳам овард, Тоҷикистонро ҳамчун давлати соҳибистиқлол дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ намуд, мактаби давлатдории миллии муосири тоҷиконро ҳамчун омили кафолатдиҳандаи рушд, амну субот ва ҷовидонагии давлатдории мо бунёд гузошт ва фарҳангу арзишҳои миллӣ ва симои як силсила абармардони арсаи таъриху сиёсат ва фарҳанги миллатро эҳё карда ба ташаккули рӯҳияи ягонаи миллӣ ва тақвияти хештаншиносиву ватанпарастӣ заминаи устувор гузошт.
Ин хидматхои Пешвои мо хидматхои бисёр арзишманди таърихиест, ки онро миллати точик ва таърихи миллати мо хамеша дар ёд хохад дошт. Ин накши таърихиро хар хабарнигори бехабари хангомачӯ ва фурӯхташудаву хоин харгиз наметавонад бо харзагӯӣ ва харфхои пӯчи худ тахриф кунад.

Хусрави Шерзод